## 152364 - Оё ҷоиз аст, ки писарашро "Такбир" номгузорӣ кунад?

### савол

Оё ҷоиз аст, ки ба писарам "Такбир" ном гузорам?

### Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ягон монеъи шаръӣ вуҷуд надорад, ки гузоштани ин номро манъ кунад.

Такбир дар забони арабӣ ба маънои бузург доштан ё чизеро бузург қарор додан аст. Ниг: "Ассиҳоҳу фи-л-луғa" (2/105) ва "Ал-Қомусу-л-муҳит" (1/496).

Асос ин аст, ки ҳар як номе, ки дар лафзу маънои худ маънои баде надошта бошад, номгузорӣ бо он ҷоиз аст, вале падар бояд беҳтарин ва зеботарин номҳоро барои фарзандонаш интихоб кунад.

Шайх Бакр Абузайд (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Бар падар воҷиб аст, номеро интихоб кунад, ки лафзу маъноят хуб, мувофиқи Шариату забони арабӣ, некӯ, бар забон ширин, ба гӯш форам ва маънои олӣ ва зебо дошта бошад ва аз васфи ҳар чизе, ки Шариат бар ҳаром ё макруҳ будани он ишора кардааст, холӣ бошад". Поёни сухан аз китоби "Тасмияту-л-мавлуд" (саҳ 13).

Аз ин рӯ, мо ба шумо тавсия медиҳем, ки ин номро ба писаратон нагузоред, зеро мо намедонем касе дар асрҳои аввали Ислом ин номро гузошта бошад.

Номҳои неки мустаҳаб, монанди номҳои паёмбарон ва солеҳон бисёранд ва ниёзе ба номҳои ғариб нест.

Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Барои мӯъмин афзал аст, ки номҳои беҳтаринеро интихоб намояд, ки барои Аллоҳ бандагиро ифода кунад, ба монанди

Абдуллоҳ, Абдурраҳмон, Абдулмалик ва ғайра ва ҳамчунин номҳои маъруферо интихоб кунад, ба монанди Солеҳ, Муҳаммад ва ғайра". Поёни сухан аз "Фатово исломия" (4/523).

Ба ҷавоби саволи (7180 ) руҷӯъ карда шавад.

Аллоҳ донотар аст.